Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи "Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ.

Мавзуи диссертатсияи Азимзода Ҳ.Р., дар замони рушди муносибатҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ мубрам, муаммовӣ ва муҳим буда, ба таҳлили амиқ ниёз дорад. Зеро, таъмини истеъмолкунандагон бо ашёи босифат, бехатар барои ҳаёт ва саломатӣ, ва албатта бо нархи дастрас яке аз вазифаҳои муҳим дар таъмини сиёсати иқтисодии кишвар, фаъолияти субъектони касбии бозори истеъмолӣ маҳсуб меёбад.

Дар ин радиф, шартномаи хариду фурӯши чакана яке аз воситаи муҳимми қонеъ гардонидани талаботи харидорон бо ашёи хушсифат ва бехатар барои ҳаёт, саломатӣ ва молумулкӣ онҳо, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагон ва рушди бозори истеъмолӣ мебошад. Дар зиндагӣ, ҳаёти ҳамарӯзаи одамон танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана мувофиқи қонунгузории маданӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда аҳамияти хоса дорад. Аз ин лиҳоз муаллифи диссертатсия таҳқиқоти худро бо назардошти зарурияти иқтисодию иҷтимоӣ ба иҷро расонидааст.

Диссертатсияи Азимзода Ҳ.Р., аз 3 боб ва 9 зербоб иборат аст. Дар боби аввал оид ба моҳияти шартномаи хариду фурӯши чакана дар

танзими ҳуқуқӣ таҳлил гаридааст. Дар боби дуюум дар бораи унсурҳои шартномаи хариду фурӯши чакана мувофиқи талаботи қонунгузории маданӣ зери таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст. Дар боби сеюм бошад муаллиф масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқии фурӯшанда тибқи шартномаи хариду фурӯши чакана баррасӣ намудааст.

Хулосаҳои муаллиф оид ба табиати ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана танзими ҳуқуқи хусусии он мувофиқи қонунгузории соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошад. Пешниҳоду хулосаҳои ба ҳимоя пешкашшаванда, аз ҷумла №3, 6, 7 ва 8 қобили дастгирӣ мебошанд.

Дар маҷмуъ хулосаю пешниҳодҳои илмии муаллиф асоснок ва қобили дастгирӣ буда, метавонанд дар оянда барои рушди илми ватанӣ саҳмгузор бошанд. Таҳқиқоти анҷомшуда на танҳо аҳамияти илмӣ, балки аҳамияти амалӣ низ дорад, дар он хулосаҳо ҷиҳати такмили қонунгузорӣ ва таҷрибаи татбиқи он пешниҳод гаштаанд (масалан, пешниҳоди рақами 2, 3 ва 4, саҳ. 13-14).

Азимзода Ҳ.Р., дар доираи мавзуи таҳқиқотӣ 15 мақолаи илмӣ ба чоп расонидааст, ки онҳо мазмун ва муҳтавои тадқиқоти анҷомшударо ифода менамоянд. Дар таҳқиқот услуб ва истилоҳоти илмию касбӣ бо таври густурда истифода карда шудаанд.

Ҳамчун эрод ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки муаллиф дар банди 3 навгонии ба ҳимоя пешниҳодшаванда (саҳ.14) нопурра будани таснифи шартномаи хариду фурӯши чаканаро ишора намудааст. Ба муаллиф лозим меояд, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсия, баробари фактҳои ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши чакана тариқи муомилоти электронӣ ё тиҷортӣ - электронӣ масъалаҳои рушди қонунгузории амалкунандаро таҳлил ва кушода диҳад.

Қобили зикр аст, ки ҳолати зикргардида мазмун ва сифати автореферати диссертатсия, муҳтавои таҳқиқоти илмиро коста намегардонад. Ҳамин тавр, диссертатсияи Азимзода Ҳ. Р. дар мавзуи

ишорагардида· ҷавобгуй ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, таҳқиқоти баанҷомрасида ва нави илмӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Азимзода Ҳайдаршоҳ Раҷаб дар мавзуи "Шартномаи хариду фурӯши чакана: масъалаҳои асосии танзими ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31, 33 - 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат дорад, унвонҷӯй арзандаи дараҷаи илмии дархостшуда мебошад.

Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ
ва байналмилалии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии
ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон Рофиева А.Ҳ.

"Имзои Рофиева Азиза Ҳамдамовнаро тасдиқ менамоям".
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва
сиёсати Тоҷикистон, н.и.х., дотсент Бобоев А. Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

25.11.2025

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
микроноҳияи 17, хонаи 1. ДДҲБСТ
тел: +992 (3422) 2 38 11
www.tsulbp.tj